# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Солиҳов Саймурод Тағоймуродович дар мавзуи: «Масъалаи иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ**

Дар ҳама давраҳои таърихии инкишофи ҷомеа масъалаи иҷтимоишавии шахс дар шаклҳои гуногун вуҷуд дошта ташаккул ёфтааст. Бо гузариш ба низоми нави ҷамъиятӣ муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ низ тағйир ёфтанд ва натиҷаи он ба омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бетаъсир намонда, идоракунии самараноки ҷомеаро дар асоси дидгоҳи нави илмӣ ба миён гузошт. Дар натиҷаи тағйирёбии ҷомеа ниҳодҳо ва сохторҳои наве ба вуҷуд омаданд, ки ба иҷтимоишавии шахс таъсири муҳим гузоштанд. Хусусияти хоси иҷтимоишавии шахс дар замони истиқлолият ҷомеаи тоҷикистонӣ ба дигаргуншавии муҳити сохтори оила, сатҳи рушди иҷтимоӣ - иқтисодӣ, паҳншавии меъёрҳои анъанавии рафтор, сифати маориф, ба тамоюли худмуайянкунии иҷтимоии насли наврас ва ҷавонон таъсири бевосита расониданд.

Омӯзиши иҷтимоишавии шахс дар шароити дигаргуншавии низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҷомеа бояд хусусияти иҷтимоӣ - фарҳангӣ ва иқтисодӣ дошта бошад, то инки омилҳои зайл ба ташаккулёбии тамоюлҳои ҷавонон таъсири воқеӣ расонида тавонанд: интихоби касб, худмуайянкунии мавқеи ҳаётӣ ва нақши худ дар ҳаёти ҷомеа ва ғайраҳо. Аз ин нуқтаи назар ҷой ва нақши маориф ва тарбияи меҳнатӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа ба самти интихоби арзишии ҷавонон вобаста буда, дар ҳалли самараноки мушкилоти иҷтимоӣ - иқтисодӣ аз ҷумла сиёсати давлатии ҷавонон таъсири мусбат мерасонад. Дар маҷмуъ, масъалаҳои зикргардида, муҳим будани мавзӯи кори диссертатсиониро мушаххас менамояд.

Муаллифи рисола Солиҳов Саймурод Тағоймуродович зарурияти омӯзиши масъалаи иҷтимоишавии шахсро ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ дарк намуда дар таҳқиқоти худ онҳоро мавриди омӯзиш қарор додаст.

Автореферат ва диссертатсияи Солиҳов Саймурод Тағоймуродович аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб ва панҷ зербоб иборат буда, хулоса тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Муаллиф дар муқаддима мубрамияти масъала, дараҷаи омӯзиш, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзӯи таҳқиқот, масъалаҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, соҳаи таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва сохтори дссертатсия маълумот дода шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия, муаллиф омилҳои назариявию методологии масъалаи иҷтимоишавии шахсро ҳамчун зуҳуроти иҷтимоиро таҳқиқ намуда ақидаҳои хешро дар такя ба муҳаққиқони барҷастаи соҳаи иҷтимоӣ баён сохтааст. Инчунин дар ин қисмати диссертатсия, муаллиф доир ба таърихи пайдоиши мафҳуми иҷтимоишавӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ ва ташаккули назарияҳо оид ба масъалаи иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон андешаронӣ кардааст. Дар хусуси унсурҳои таркибӣ ва навъҳои иҷтимоишавии шахс ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ низ ба таври муфассал маълумот дода шудааст.

Дар боби дуюми дисертатсияи худ Солиҳов Саймурод Тағоймуродович хусусиятҳои асосии ташаккул ва инкишофи иҷтимоишавии шахс ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додаст. Муаллиф доир ба сабабҳо ва омилҳои асосии тағйрёбии иҷтимоишавии шахсро ҳамчун зуҳуроти

иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаронӣ намуда, тамоюлҳои асосӣ ва рушди онро дар даврони соҳибистиқлолӣ ба вуҷуд омадааст, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар хулоса натиҷаҳои ба даст овардашуда ва тавсияҳои муаллиф барои истифодаи амали натиҷаҳои таҳқиқот баён гардидаанд. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф барои муайян кардани самтҳои асосии рушди иҷтимоишавии шахс ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳ ва воситаҳои такмили онҳо мусоидат менамоянд. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Автореферат ва корҳои илмие, ки доир ба мавзӯи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври васеъ инъикос менамоянд. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ ба назар мерасанд, вале онҳо ба арзиши илмии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса автореферат ва диссертатсияи Солиҳов Саймурод Тағоймуродович ба талабот ҷавобгӯй буда муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯи ихтисоси 22.00.04 – сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои фалсафа, дотсент мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Раҳматов У.Н.

Имзои Раҳматов У.Н- ро тасдиқ менамоям. Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.